# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ. – Душанбе, 2026.**

Мирзо Абдулқодирхоҷаи Савдо аз намояндагони маъруфи адабиёти бадеии тоҷик дар нимаи дуюми асри XIX аст, ки осори ӯ аз бисёр ҷиҳат барои дуруст муайян намудани марҳалаҳои рушду инкишофи адабиёти бадеӣ дар ин давра мусоидат менамояд. Ба ҳамин хотир, дилхоҳ муҳаққиқе, ки ба таҳлилу баррасии адабиёти бадеии давраи мазкур машғул гардидааст, нисбат ба ҳаёт ва фаъолияти шоири мазкур бетаваҷҷуҳ набудааст. Бо вуҷуди ин, то ба ҳол кори таҳқиқии фарогире, ки паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо ба пуррагӣ дар бар гирад, мавҷуд набуд ва диссертатсияи мавриди назари мо, ки «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» унвон дошта, ба қалами унвонҷӯ Салимзода Муҳайё Абдусалим тааллуқ дорад, барои рафъи ин норасоӣ мусоидат хоҳад кард.

Тавре аз автореферати диссертатсия бармеояд, кори илмии мавриди назар аз се боб иборат буда, вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда ҳар як боб дар навбати худ ба фаслу зерфаслҳои алоҳида ҷудо карда шудааст.

Муаллифи диссертатсия дар муқаддимаи кори илмии худ мубрамии мавзуъ ва зарурати таҳқиқи онро равшан намуда, дар қисмати дараҷаи таҳқиқ, ки муфассал баён шудааст, таъкид менамояд, ки мавзуи мазкур актуалӣ ва камомӯхта буда, таҳқиқи ҳаматарафаи он имкон фароҳам меорад, ки паҳлуҳои гуногуни рӯзгору осори Мирзо Абдулқодирхоҷаи Савдо мавриди омӯзиши ҷиддитар қарор бигирад.

Гузориши мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объекти таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқ, навгонии илмии таҳқиқ, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, сарчашмаҳо, навгонии илмии таҳқиқ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ низ аз ҷониби муҳаққиқ огоҳона ва мувофиқи талабот сурат гирифтаанд.

Боби аввали диссертатсия, ки «Ҳаёт ва эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо» номгузорӣ шудааст, аз ду фасл ва чаҳор зерфасл таркиб ёфтааст. Дар фасли аввали боби мазкур муаллифи диссертатсия дар асоси

манобеи гуногуни илмию адабӣ, аз ҷумла тазкираҳои дар замони зиндагӣ ва баъди сари Савдо таълифёфта ва корҳои таҳқиқии донишмандони муосир, зиндагиномаи шоирро бо далелҳои муътамади илмӣ барқарор намудааст. Фасли дуюми боби мазкур ба таҳқиқу баррасии мероси адабии шоир бахшида шуда, диссертант дар ин қисмати кор натиҷаҳои кори илмии анҷомдодаи худро дар ин самт хеле огоҳона пешниҳод кардааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Баёз»-и Абдулқодирхоҷаи Савдо ва аҳаммияти он ҳамчун сарчашмаи адабӣ» унвон дорад, муаллиф дар се фасл масъалаҳоеро, амсоли хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии «Баёз»-и Савдо, сохт ва таркиби асари мазкур ва аҳаммияти «Баёз»-и Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ ва арзишдоварии илмӣ қарор додааст.

Боби сеюми диссертатсия «Мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо» унвон дошта, аз ду фасл таркиб ёфтааст. Ҳар як фасли ин боб аз зерфаслҳои алоҳида иборат буда, дар ин бахшҳо натиҷаҳои таҳқиқи муаллиф оид ба масъалаҳои марбут ба мазмун ва мундариҷаи ашъори шоир ва сохтори ҳунарии ашъори ӯ пешниҳод гардидаанд.

Муаллифи диссертатсия дар қисмати “Хулоса” натиҷаи таҳқиқи анҷомдодаи худро дар 14 банд пешниҳод кардааст ва ҳамзамон тавсияҳои муҳаққиқ оид ба истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқ дар якчанд банд оварда шудаанд.

Тавре мушоҳида мешавад, дуруст интихоб намудани мавзуъ, усул ва равишҳои таҳқиқ, вусъати доираи таҳқиқ ва амиқандешӣ ба диссертант имкон додааст, ки ба натиҷаҳои мушаххаси илмӣ расида тавонад ва мавзуи пешниҳодшударо хеле хуб ҳаллу фасл намояд.

Автореферати диссертатсия мазмун ва муҳтавои кори анҷомдодаи муаллифро ба пуррагӣ дар бар гирифта, тарзи нигориши он аз мустақилияти фикрӣ, ҷустуҷӯйҳои илмӣ ва кӯшиши навгӯйии муаллиф дарак медиҳад. Ҷанбаҳои илмӣ, методологӣ, мантиқӣ ва имлоию услубии автореферат бақувват буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Дар баробари комёбиву муваффақиятҳои хуби илмӣ дар автореферат баъзе камбудиҳои ҷузъӣ низ мушоҳида мешаванд:

1. Бо он ки услуби нигориши автореферат хеле хуб аст, дар он кам бошад ҳам, баъзе ғалатҳои услубӣ низ мушоҳида мешаванд. Барои мисол, дар ҷумлаи зерин таркиби «ва баъзе асарҳои дигарашон» бо дигар қисматҳои ҷумла пайванди устувори мантиқӣ надорад: «Баъзе

муҳаққиқони тоҷик, ба монанди Р. Ҳодизода, У. Каримов, С. Саъдиев, Н. Сайфиев, А. Ҳабибов, С. Амирқулов, Х. Асозода, С. Ҳӯҷақулов, М. Мирзоюнус ҳангоми таҳқиқи масъалаҳои марбут ба адабиёти тоҷики нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX ва баъзе асарҳои дигарашон оид ба вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии замони Савдо ба таври умумӣ ва перомуни ҳаёт ва эҷодиёти шоир ба таври ҷудогона ва фарогиртар дахл кардаанд» (автореферат, саҳ. 5).

2. Дар саҳифаҳои алоҳидаи автореферати диссертатсия ва матни русии он баъзе ғалатҳои имлоиву техникӣ ба чашм мерасанд.

Вале норасоиҳое, ки гуфтем, каму назарногир ва ислоҳпазир буда, моҳият ва арзиши илмии авторефератро кам карда наметавонанд.

Дар умум, автореферати диссертатсияи **Салимзода Муҳайё Абдусалим** дар мавзуи **«Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX»** ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.15. Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи адабиёти тоҷики
Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Аҳмадов Сафармад Гадомадович

**Нишонӣ:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи С.Раҳимов, 7/26
Тел.:(моб.) (+992) 988-15-75-81
E-mail: ahmadovsafar74@mail.ru
«02» июни соли 2026.

«Имзои С. Аҳмадовро тасдиқ менамоям»:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДБ ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.
**Нишонӣ:** 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.
Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»
Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53; Email: bqu-1978@mail.ru
«02» июни соли 2026.